# КОРБАСТИ ПЕШОЯНДҲО ДАР РОМАНИ «ФИРДАВСӢ»–И СОТИМ УЛУҒЗОДА

1.**Пешояндҳо.** Доир ба маъною вазифа ва таснифоти пешояндҳо дар асоси материали забони адабии ҳозираи тоҷик ва таърихи забонамон асару мақолаҳои зиёде навишта шудаанд. Дар ҳамаи сарчашмаҳо пешояндҳо ҳамчун калимаҳои релятивӣ эътироф шуда, аз ҷиҳати сохт ба ду гурӯҳи калон ба пешояндҳои аслӣ ва номӣ ҷудо шудаанд.[1]

Пешояндҳо инчунин дар ташкили таркибҳо низ иштирок мекунанд.[2]

Муносибати дутарафа ба ду калимаи мустақил доштани пешояндҳо хусусияти ин гурӯҳ калимаҳо мебошад.[3]

Аз ҷиҳати сохт пешояндҳои аслӣ ва номӣ боз гурӯҳҳои зеринро ташкил медиҳанд:

1) Пешояндҳои аслӣ: содда: аз, ба, бо, бар, бе, дар, то;
2) Пешояндҳои изофӣ: баҳри, барои;
3) Пешояндҳои таркибӣ: то, ба;
4) Пешояндҳои таркиби изофӣ: аз баҳри, аз барои;

Пешояндҳои номӣ:

1) содда: пеши, сади, тарафи, вақти;
2) таркибӣ: аз пеши, ба тарафи, ба сӯи, дар болои;

1.Неманова Р.Л. Предлоги в таджикском языке. Д., 1964. Гарипова А.Д.Таджикские первичные предлоги в историческом освещении. Автореф. канд. дисс. М.,1955;
Н. Бозидов. Оид ба пуркунандаи бавосита дар забони адабии тоҷик, дар «Очеркҳо оид ба филологияи тоҷик, ҷилди IV Д., 1968., саҳ. 104–106».

2. Собирова М. Мавқеи пешояндҳо дар таркиб, ибора ва калимаҳои мураккаб, маҷ. «Армуғон», (Масъалаҳои филологияи тоҷик).Д., 1971, с. 92–106.

3. Пешояндҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷик ва роли калимабандӣ ба таркибсозиро иҷро мекунад: рӯ ба рӯ, ба зудӣ – калимаҳои маънодор дар ин таркибҳо ҳиссаҳои гуногуни нутқ буда, ба туфайли пешоянрдҳо ин таркибҳо зарф мешаванд.

Мавқеъ ва хусусиятҳои грамматики пешояндҳои мазкурро дар асоси материали романи «Фирдавсӣ»–и Сотим Улуғзода аз назар мегузаронем.

Пешоянди «аз»

Ин пешоянд дар матн тобишҳои зеринро дорад:

Сарчашмаю оғози амалро мефаҳмонад.

Ҷумлаи: Устоди тӯсӣ, албатта, онро **аз** он шоири миёна истеъдод ба маротиб беҳтару ҷозибтар назм хоҳад кард. (с 86)

2) Объекти муҳокима ва фикр

Шоир фикр карда бад – ин қарор омад, ки агар то баргаштани Абӯ Дулаф **аз** Каҳистон ин кор якрӯя нашавад… (с. 170)

3) Аз як ҳолат ба ҳолати дигар гузаштан.

Султон Маҳмуд аз Ғӯр чунон ки мегуфтанд, «музаффару мансур» баргашт (с.165).

4) Аз ҷое гузаштан ва ё омаданро мефаҳмонад:

Фирдавсӣ **аз** назди маликушшуаро малул ва андӯҳгин баргашт (с. 170).

5) Дар ифодаи муқоиса меояд:

Аммо дар он ду байт алфоз аз ҳасоиси шеърӣ, **аз** тақозои сухани манзум буд, на аз ақл (с.168).

6)Дар ифодаи муқоиса меояд:

Аммо дар он ду байт алфоз аз ҳасоиси шеърӣ, аз тақозои сухани манзум буд, на аз ақл (с.168).

7) Барои ифодаи ҷузъ ва кулл:

Аз гуфтаи Унсурӣ ҳамин қадар дастгирам шуд, ки ӯ

3. Ярцева В.Н. Историческая морфология английского языка. –М., стр.121.

«Шоҳнома»–ро назди султон баъд аз ягон моҳ хоҳад бурд (с.170).

8) Муносибати сабабӣ

Шоир фикр карда бад – ин қарор омад, ки агар то баргаштани Абӯ Дулаф аз Каҳистон ин кор якрӯя нашавад, вай китобро як нусха дар дасти маликушшуаро ва нусхаи дигар дар дасти вазир Майвандӣ мегузараду меравад. (с.170).

Пешоянди «ба». Ин пешоянд барои ифодаи муносибати масоҳаи сӯй истифода мешавад. Пешоянди «ба» дар асар серистеъмол буда, вазифаҳои зиёд дорад:

а) Адресат ба сӯи предмет ва макон рафона шудани амалро мефаҳмонад.

– Оре, ҳазрат, ҳақ ба шумост, вале ба ҷувони покдил ва он духтари маъсума раҳми кас меояд. (с. 88)

8)Ба дохили предмет равона шудани амалро ифода мекунад:

– Устод, ба шумо як супориш ҳаст, – шурӯъ кард ӯ. – агар қабул кардед, ба атову эҳсони мулукона мушаррад хоҳед шуд (с.89).

Дар ифодаи муносибати макон вобаста ба матну предметҳои алоҳида маънои пешоянди «ба» муайян мешавад. Барои исботи ин гуфта мо ифодаи «Майвандӣ ба дарвоза даромада рафт»–ро аз мисоли боло таҳлил мекунем. Дар ин қолаб ба макон равона шудани амал бо ёрии воситаҳо қайд мешавад:

а) бо ёрии феъл: бо ёрии феъл ба сӯе равона шудани амалро мефаҳмонад.

Мисол: Дилтанг нашудед? Бағдодро хуб тамошо кардед? Ба зиёрати Тоқи Кисро ҳам рафтед? (с. 88).

б) Бо ёрии пешоянд.

Омадани пешоянди «ба» дар аввали ин қолаб онро на танҳо шаклан пурра мекунад, балки барои барҷаста ифода шудани маъно низ ёрӣ мерасонад. Ба ин маънӣ пешоянди «ба» дар ин гуна мавридҳо ду хусусият дорад:

а) ифодаро аз ҷиҳати шакл пурра мекунад.

б) сабаби пурратара ифода шудани маънои матлуб мешавад.

в) амали предмет ба шахс нигаронида мешавад: Халифо султони араб, имрӯз гӯш ба фармони шаҳаншоҳи эрон аст. (с. 89).

… аммо ноиб ин корро ба амирони Бувайҳӣ нисбат медод. (с. 89)

Вобаста ба матну баъзе воҳидҳои лексикӣ макони амалро мефаҳмонад:

Зимистон даромад. Хунукӣ мардумонро **ба** кодокҳои сандалӣ, ки дар Эрону Хуросон курӣ меномиданд, тиққонд. (с. 93)

д) Мақсади амалро мефаҳмонад:

Шоир ба назми «Шоҳнома» бо нияти тақдими он ба подшоҳи Сомонӣ шурӯъ карда буд, анҷоми нусхаи аввалини китоб ба айёми пирии шоир, ба замоне рост омад Сомониён аз байн рафтаанд… (с. 93)

е) Ҳолати шахсро мефаҳмонад:

Маликушшуаро…. Дар базми пурсавту садо шабро ба саҳар оварда аз хоб монда буд, саҳарӣ навкаронаш ӯро ба асп савор карда ба манзилаш оварда буданд. (с. 132).

ж) Муносибати ҳамроҳиро мефаҳмонад:

Ҳамон рӯз баъд аз пешин Фирдавсӣ «Шоҳнома»–и рӯмолпеч дар бағал бо ҳамроҳии маншурӣ ба саройи маликушшуаро равон шуд.

з) Ба ягон кор ё амал машғул шудани субъектро ифода мекунад:

Кори азимеро анҷом додае, ки ба он пеш аз шумо аз шуаро фақат Дақиқии бузург ҷуръат карда буд ва маълум набуд ба охир расонда метавонад ё на, вале шумо тавонистед. (с. 134)

и) Муносибати объектро мефаҳмонад:

Бегоҳӣ Маншурӣ **ба як нафар** марди миёнсоли рищдароз омаданд (с. 136). Вай дӯсти наздики Маншурӣ буд, аз вай хабари **ба Ғазнӣ** омадани Фирдавсиро шунида ба зиёраташ омада буд. (с.137).

Дар ин маъно пешоянди зикршуда ба исмҳои абстракт низ истеъмол мешаванд.

Ба ҳавли муҳаққиқ «маонии латиф» дар пешгоҳи қалам ва қариҳан ӯ чун мум буда ва ин суханвари перуманд ба ҳар шакле ки мехоста онро дармеовардааст. (с.140). …то ки дар набудани фармонфармоиш ба «ратқу фатқ»–и корҳои мамлакат машғул бошад (с. 154).

Пешоянди «ба» дар таркибҳои феълӣ меоянд.

Таркиби «ба низоъ овардан»… амри Ҳазратро ба ҷой оварда ба тариқи нақшбандӣ нишастааст. (с. 99).

«ба қаҳр фармудан», «ба итмом расидан».

Соҳиби хона Зинатӣ тарсид, ки мабодо мунозира **ба низоъ** гузарад. (с. 153).

Пешоянди «ба» бо пешояндҳои таркибии номии «ба сӯи, ба тарафи, ба даруни ба назди // ба пеши // ба тарафи» муродиф мешавад.

Чун мулозим ба назди вазир даромада ба қабул омадани Абдулқосими Фирдавсии шоири тӯсиро арза кард, хоҷаи бузург пурсид. (с. 165). …лекин Хоҷа шоирро ҳеҷ ба дарун наметалабид. (с.

155). … ки дар паси хонтахта ба рӯи се – чор қабат якандози шоҳӣ пушташро ба болиштҳо такя дода нишаста буд (с.155).

Пешоянди «бар» тобишҳои зеринро ифода мекунад:

1. Ба сӯи макон ва матҳи предмет равона шудани амалро мефаҳмонад.

а) сӯй, адресат нисбат ба макон:

Мисол: Кахтзадагон ба тавассути ҳокимон ва дигар мӯътабарони вилоятҳо арзашонро бар давлатхона мерасонанд… (с. 159).

б) пешоянди «бар» ба ақидае пайравӣ кардани субъектро мефаҳмонад:

– чун донист, ки ба наздми «Шоҳнома» машғулам ва ба киштӯ дарав расидагӣ кардан наметавонам, тангдастам, **бар ҳаққи** ман чунин адолат кард (с. 156).

«Бар» дар таркибҳои феълӣ хеле зиёд истеъмол мешавад.

**Бар сина** кардан мулозим даст бар сина ниҳода гардан кач кард… (с. 155).

**… агар онро биписанданд, ба қабул ёфтанаш бар** ҳузури аълоҳазрати султон далолати хешро дареғ надоранд (с. 158).

Навкар рӯзи саввум тоб наёвард, тарс **бар вай** ғалаба кард… (с. 221).

Бар бо пешоянди аз, ба, дар, барои ва бо муродиф мешаванд:

а) бо пешоянди «аз».

Алҳақ ҳамин тавр ҳам кард. Банда ҳам хостам дар паи ин мақсуди олӣ хизмате, саҳе дошта бошам. (с.158).

б) бо пешоянди «дар».

**Дар** он рӯзгор, ки Маҳмуд ибни Субуктегин волӣ ва сипаҳсолори Хуросон таъин шуда буд… (с. 163).

в) бо пешоянди «ба».

Фирдавсӣ ва Моҳак **ба** ин маслиҳати хоҷа аввал хандиданд, вале андеша карда, онро маъқул донистанд. (с. 162). Вазири собиқ баъди маълул шуданаш ва мусодираи кохии шаҳриаш **ба** ин мақомгоҳи тобистни худ кучида буд. (с. 163).

Пешоянди «бо».

Пешоянди «бо» ҳамроҳиро мефаҳмонад:

– **Бо** ҳамватанаш гарм вохӯрдӣ кард.

… Маҳмуд дар Ғазнӣ ба ҷои падари марҳумаш нишаст, бо вай буд… (с.163).

– Бале, **бо** хоҷаи бузург мулоқот ба амал омад, хоҳиши мутолиаи «Шоҳнома» карданд, фиристодам (с. 165).

Пешоянди «бе». Ин пешоянд дар ҷумла набудани чизеро мефаҳмонад.

… бе ёру дӯстонаш дили реши шоирро рештар мекард. Вай бе онҳо ба ин ҳол аст, онҳо бе вай ба чӣ ҳоланд. (с. 228).

Пешоянди «дар». Ин пешоянд вазифаҳои зеринро мефаҳмонад:

а) макони предмет ва ҷои вуқӯи амалро: Ёли аспҳо, сарутани савороне бемисли инки ҳар се дар об ғӯта хӯрда баромада бошанд, обшор гашт. (с. 226).

б) пешоянди «дар» замони воқеъ шудани амалро мефаҳмонад: Чакраҳо дар як дам ба борони сел табдил ёфтанд. (с.220).

… вазир **дар** дами дар ба вай суолеро, ки дар дил дошт, вале **дар** вақти машварат надода буд, дод (с.221).

Маънои маконии пешоянди «дар» баъзан норавшан ифода мешавад. Сабиб ин ба матн вобаста аст, чунки дар матн гоҳо исми макон намеояд. Ин тарзи ифода хоси забони гуфтугӯ мебошад.

Онҳо равон шуданд, мо ба андак муддат ба Ғазнӣ баргашта, воқеаҳои **дар** он ҷо дар ғайби Фирдавсӣ рӯйдодаро ҳикоя мекунем. (с.220).

г) пешоянди «дар» вазъияти руҳии инсонро далолат мекунад.

– Ӯро дастгир бояд кард, – гуфт султон, ба Аёзи Аймоқ, ки низ дар сӯҳбати хосса ҳозир буд. (с.228).

д) Ин пешоянд бо коре машғул буданро мефаҳмонад. Ин хабар ба даргоҳ расида, ин пагоҳ дар як соати машъум амри султон содир шудааст, ки шоирро… оҳ, манн чисон гӯям, бок адом забон гӯям, амр содир шуд, ки Фирдавсиро дастгир бикунанд ва ба пои фил андозанд.(с.223).

Ин пешоянд масофаро ифода карда дар асар ба маънои макон ва замон фаровон истеъмол гардидааст.

… ҳар ҳодисае, ки **дар** ҷаҳон рӯй медиҳад, эшон онро аз таъсири фалак медонанд… (с.202).

Тоҳирӣ ном марде **дар** Ғазнӣ пайдо шуда буду худро сайид меномид… (с.203).

Пешоянди «то». Пешоянди мазкур бош умора дар як таркиб омада мӯҳлати муайяни иҷрои амалро ифода мекунад. Инчунин масофаро ифода карда, дар асар ба маънои макон ва замон фаровон истеъмол гардидааст:

Аз «Коҳи Фирузӣ»–и худ **то** масҷиди «Арӯси фалак» роҳи пинҳонӣ созонда буд… (с. 203). Одатан шоирони дарборӣ **то** худи

султон онҳоро талаб накунад, ба наздаш намерафтанд… (с.203). …ёди он **то** умрам боқист, хотири маро шод мекунад. (с.218).

Пешояндҳои изофии **баҳри, барои** ифодаи маънои мақсад ва адресат меоянд:

– Чӣ магар вай **барои** он омадааст, ки бо хоинони давлати мо дидор бикунад бо баҳонаи тақдими «Шоҳнома»? (с. 207).

Пешояндҳои таркибии **аз барои, аз баҳри** тобишҳои сабабу мақсадро ифода мекунанд:

Аввалан **дар бораи** силаи «Шоҳнома» Султон дар поёни кадом як машварати давлатӣ бо ҳамроҳии вазир Майвандӣ аз боргоҳ мебаромад… (с.221) Дар бораи фикрам аввал гуфт: (с. 202)

Пешоянди «дар бораи» ба мақсади равона шудани амалро бештар мефаҳмонад:

– Мо мехостем дар бораи мулоқоти шумо бо Исфароинӣ як – ду чизи дигар бипурсем. (с. 207).

### Пешояндҳои номӣ

Як гурӯҳ ҳиссаҳои номии нутқ аз ҷумлаи исм ва зарфҳо бандаки изофӣ (и) гирифта ба вазифаи пешояндҳо меоянд[7]. Аз ҷумла калимаҳои «сари, пеши, сади, вақти, тарафи, назди, мисли» аз ҳамин қабиланд:

Исфароиниро **дар назди** ӯ ҳозир карданд. (с.209).

… ман бар ҳар чӣ хоҳед савган мехӯрам, ки он гоҳ он ҳуҷҷатро оварад **пеши** чашматон медарронам, месӯзонам. (с.212).

Ин фоҷиа **вақти** аз Ғазнӣ рафтани Фирдавсӣ рӯй дод. (с.212).

7. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Лексиология, фонетика ва морфология, с.388–405.

Фаррухи **пеши** пои ӯ афтида замин бӯсид. (с.214).

... ки ба шукронааш агар ҳамаи давлатамро **пеши** поятон гузорам, садяки подоши он намешавад (с.218).

## Пешояндҳои таркибии номӣ

Дар романи «Фирдавсӣ»–и Сотим Улуғзода ба вазифаи пешояндҳои номӣ, махсусан, зарф ва исмҳо бештар истифода мешаванд. Як гурӯ калимаҳо, ки аз ҷиҳати баромадашон исм буданд, барои равшантар кардани маънои пешояндҳои аслӣ вазифаи воҳидҳои релятивиро иҷро мекунанд: «боло, поён, дарун, берун, пеш» ба ин гурӯҳ дохил мешаванд.

Ин гурӯҳи калимаҳо чӣ дар ин роман ва чӣ дар забони адабии ҳозира хусусияти духӯрагии худро нигоҳ дошта меоянд:

Онҳо ба вазифаи исм, зарф ва чун воҳидҳои релятивӣ истеъмол мешаванд.[9]

Хизматгоҳи Моҳақ барои ба навкари серҷоғ хӯрок овардан ба ҳавлии **дарун** рафт. (с. 213).

**Даруни** бино ҳуҷрае ҷойгоҳи ходими ҳаммом буд... (с.219). Моҳақ писари хурдиаш – ҷавони бистусесола Насриддинро аз ҳавлии берун садо карда фармуд,... (с.224).

Пешоянди **«дар сари», «ба сар».**

... бинобар ин Абӯбакр **дар сари** дастархонаи меҳмондорӣ вайро ба пурсуҷӯ нороҳат накард. (с.227).

... вале як фарди пирсоли аз хешу табор ва ёру диёр дурафтода дар он ғарибиҳо чӣ тавр зиндагӣ **ба сар** мебарад? (с.228).

9. Ин ҳолат (ҳодиса) барои забони русӣ ҳам хос мебошад. Ниг: Чекасова Е.Т.Переход полнозначных слов в предлоги. М., 1997, стр 49.

Пешоянди «аз ҷиҳати», «аз барои», «аз рӯи».

Мебоист худам ба ту инъому эҳдо (ҳадя) мекардам аз барои он ки ашъори маро аз барои мардумон мехонӣ ва шоеъ мекунӣ. (с.52).

Гурӯҳи муайяни исмҳое, ки маънои маконию замонӣ доранд, дар мавридҳои муайян ба категорияи релятивӣ гузаштани исмо академик В.В. Виноградов сухан ронда мегӯяд, ки исмҳо бештар дар мавридҳои ҳолшавӣ ба гурӯҳи калимаҳои релятивӣ мегузаранд.[10] Ҳамин фикри академик В.В. Виноградовро И.И. Сирницкий тақвият